ХУЛОСАИ

Комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-024 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимояи якдафъаина оид ба диссертатсияи Шоинбеков Фируз Нағзибекович дар мавзуи «Омӯзиши археологии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (Помир) 1946-2020» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.06. – Бостоншиносӣ.

Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз ҷиҳати ҷуғрофия, иқлим, табиат ва таърихи пурғановати худ дар ҷаҳон шӯҳратёр буда, дар ин минтақа ёдгориҳои зиёди археологӣ то имрӯз маҳфуз мондаанд, ки марҳалаҳои инкишофи ҳаёти моддию маънавии ниёгони халқи тоҷикро инъикос менамоянд.

То имрӯз дар ҳудуди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ёдгориҳои зиёди археологӣ ба монанди: бошишгоҳи Ошхона бо қабати сиҳати маданӣ, ғори Истиқ, гӯристонҳои Обхарв, Южбок, Зулбанд, гӯристонҳои сакоиҳо: Тамдӣ, Оқбайт, Змудг, силсилақалъаҳои Помир: Карон, Қахқаҳа, Зангибор, Ямчун, Ратм, Роштқалъа ва ғайраҳо, маҷмуъи петроглифҳо ва тасвирҳои рангаи Ғори Шахта, Вибистдара, Лангаркишт, шаҳраки маъданкобони Бозордара ва дигар ёдгориҳо кашф гардида, дар асоси таҳқиқи онҳо масъалаҳои зиёди таърихӣ ҳали худро пайдо намуда буданд.

Омӯзиши археологияи Помир имкон медиҳад, ки масъалаҳои мубрами таърихи қадими ноҳияҳои баландкӯҳи Осиё дар оянда ҳалу фасл гарданд. То имрӯз дар байни ноҳияҳои баландкӯҳи Осиё аз қабили Олой, Тён-Шон, Кунлун, Қарокрум, Ҳимолой, Тибет ва кӯҳҳои Чину-Тибет танҳо дар Помир бошишгоҳи давраи санг пайдо гардидааст. Кашфи бошишгоҳ ва қароргоҳҳои асри санг дар Помир гувоҳи он мебошад, ки Помир ҳанӯз аз замони санг маскуни одамон будааст ва дар ягон давраи таърихӣ ҳаёт дар ин водии баландкӯҳ қатъ нагардидааст.

Дар асоси таҳқиқи ёдгориҳои археологии Помир метавон ба пурсишҳои зиёди илмӣ ҷавоб дод. Минтақаи мазкур ҳанӯз аз замонҳои қадим дар арсаи сиёсати тамоми империяҳои бузург саҳм доштааст. Таҳқиқи таърихи силсилаҚалъаҳои Помир, алоқамандӣ ва робитаи онҳо бо марказ, хусусияти дифоии онҳо имкон медиҳад, ки нақши минтақаи баландкӯҳи Помир дар ташаккули давлатдориҳо дар сарзамини Осиёи Миёна муайян карда шавад.

Омӯзиши археологии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (Помир) имкон медиҳад, ки масоили дар боло зикршуда ҳали худро пайдо намоянд.

Мақсади рисолаи диссертатсионӣ дар он мебошад, ки омӯзиши археологии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (Помир) дар он нишон дода шудааст ва масъалаҳои мубрами археологияи Помир аз қабили археологияи давраи санг, биринҷ, сакоиҳо ва петроглифҳои Помир мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Диссертатсия ба талаботи Замимаи 2 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, аз 30 июни соли 2021 № 267, мувофиқ мебошад. Диссертатсия фарогири масъалаҳои вобаста ба омӯзиши ёдгориҳои археологии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар солҳои 1946-2020 буда, дорои мазмун ва муҳтавои ягона аст. Сохтори рисола ба талаботи мавҷуда пурра мувофиқ аст. Рисола дорои навгониҳои илмӣ буда, натиҷа ва нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми муаллифро нишон медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 07.00.06. – Бостоншиносӣ мувофиқат мекунад, ки аз рӯйи он ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-024 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тибқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30 декабри соли 2022 таҳти рақами 315 ҳуқуқи гузаронидани ҳимояи якдафъаина ва қабули диссертатсияи Шоинбеков Фируз Нагзибекович дар мавзуи «Омӯзиши археологии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (Помир) 1946-2020» барои

дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.06. – Бостоншиносӣ иҷозат додааст. Ҳамзамон таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва ба қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2017, таҳти №5/2 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Натҷаҳои асосии таҳқиқот дар 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд ва ҳамаи онҳо ба мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита дахл доранд. Теъдоди маводи нашршуда ба банди 35 Замимаи 2 – Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошанд.

Дар тадқиқоти диссертатсионии Шоинбеков Фируз дастгоҳи илмӣ тибқи талаботи муайяннамудаи КОА тартиб дода шудааст. Руйхати сарчашма ва адабиёти истифодашуда ба талабот ҷавобгӯй мебошад. Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Шоинбеков Фируз маълумоти носаҳеҳ вуҷуд надорад.

Рисолаи дахлдор ба ихтисоси 07.00.06.-Бостоншиносӣ пурра мутобиқат дорад.

Мазмуну муҳтавои автореферат ба мазмуни рисола мувофиқат мекунад. Банди 60-и Замимаи 2 –Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, Тартиб додани унвонҳои илмӣ ва Тартиби бақайдгирии давлатии диссертатсияҳои ҳимояшударо, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Шоинбеков Фируз Нағзибекович дар мавзуи «Омӯзиши археологии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (Помир) 1946-202)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.06. – Бостоншиносӣ дар Шӯрои диссертатсионии 6D.

КОА-024-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимояи якдафъаина тибқи фармоиши Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 315 қабул карда шавад.

2. Дар номи диссертатсияи Шоинбеков Ф.Н. баъди «Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон» «Ҷумҳурии Тоҷикистон» илова шуда, диссертатсия таҳти унвони «Омӯзиши археологии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1946-2020)» номгузорӣ карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

- Раҳимов Набиҷон Турдиалиевич, доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи археология, этнография ва диншиносии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафурови шаҳри Хуҷанд.
-Қурбонов Шароф Файзуллоевич, номзади илмҳои таърих, муаллими калони кафедраи бостоншиносӣ ва мероси ниёгони Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент.

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

Раиси комиссия:

Доктори илмҳои таърих, профессор **Бобомуллоев С.Ғ.**

Аъзои комиссия:

Доктори илмҳои таърих, профессор **Иброҳимов М. Ф.**

Доктори илмҳои таърих, профессор **Олимов М. А.**

22.02.23